*Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-013 назди Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон (735700, ш.Хуҷанд, мкр-н 17, бинои 1)*

**ТАҚРИЗИ**

**роҳбари илмӣ, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Самадова Заррина Акрамҷоновна ба диссертатсияи Қурбонова Шоҳиста Хайруллоевна дар мавзуи "Асосҳои институтсионалии рушди низоми иқтисодии минтақа (дар мисоли вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон)" барои дарёфти унвони илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 - Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ**

Қурбонова Шоҳиста Хайруллоевна соли 2012 Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуровро аз рӯи ихтисоси баҳисобгирии бухгалтерӣ, таҳлил ва аудит хатм намудааст.

Фаъолияти илмӣ-педагогии худро аз соли 2017 ба ҳайси муаллима дар кафедраи баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудити факултети иқтисодии Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров оғоз намудааст.

Диссертатсияи Қурбонова Ш.Х. дар мавзуи "Асосҳои институтсионалии рушди низоми иқтисодии минтақа (дар мисоли вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон)" ба масъалаҳои таҳкими асосҳои институтсионалии ташаккули фазои мусоиди фаъолияти пурсамари субъектҳои хоҷагидорӣ ҳамчун заминаи стратегии рушди устувори низоми иқтисодии минтақа бахшида шудааст. Дар он таҳлили омилҳои институтсионалӣ дар шароити муосир, нақши механизмҳои институтсионалӣ дар рушди иқтисодиёти вилояти Суғд баррасӣ гардида, институтҳои мусоидат ба раванди инвеститсионӣ, ҳамкории мутақобилаи ҳокимият ва бахши хусусӣ дар беҳтар намудани муҳити кории ҳудудҳои минтақа пешниҳод гардидаанд.

Зимни иҷроиши диссертатсия Қурбонова Ш.Х. ҳаҷми зиёди адабиёти илмӣ истифода намуда, маводҳои зарурии омориро оид ба масъалаи омӯхташаванда ҷамъоварӣ ва коркард намудааст.

Аз рӯи натиҷаҳои диссертатсия Қурбонова Ш.Х. дар конференсияҳои илмию амалии байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ ва вилоятӣ фаъолона иштирок намуда, ҳамзамон дар семинарҳои илмӣ-назариявии донишгоҳ ва кафедра бо маърӯзаҳои илмӣ баромад намудааст. Аз ҷониби унвонҷӯ имтиҳонҳои номзадӣ бомуваффақият супорида шуда, аз рӯи мавзуъ 19 мақолаи илмӣ омода ва нашр гардидааст, ки аз онҳо 5

мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидааст.

Диссертатсияи аз ҷониби Қурбонова Шоҳиста Хайруллоевна таҳиягардидаро дар фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатии минтақа ҷиҳати такмили идоракунии рушди иқтисодии ҳудуд мавриди истифода қарор додан мумкин аст. Тавсияҳои амалӣ оид ба мусоидат ба раванди инвеститсионӣ дар сатҳи минтақа, ҳавасмандгардонии ҳамкории мутақобилаи ҳокимият ва бахши хусусӣ ҷиҳати беҳтар намудани муҳити кории ҳудудҳо арзиши амалӣ доранд.

Дар раванди навиштани диссертатсия Қурбонова Шоҳиста Хайруллоевна худро ҳамчун тадқиқотчии фаъол нишон дод, ки аз дорои донишҳои васеи назариявӣ ва амалӣ будани ӯ шаҳодат медиҳад. Дар ҷараёни иҷроиши кори тадқиқотӣ нисбати худ серталаб буда, масъулияти баландро зоҳир намуд.

Меҳисобам, ки дар диссертатсия вазифаҳои гузоштащуда ҳалли худро ёфтаанд ва унвонҷӯ ба мақсад ноил гардидааст.

Дар маҷмуъ, таҳқиқоти диссертатсионӣ тибқи Шиносномаи ихтисосҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ омода гардида, ба бандҳои он мувофиқат менамояд. Диссертатсия ба талаботҳое, ки аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии дар назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбати чунин корҳо гузошта шудааст, ҷавобгӯ мебошад ва муаллифи он Қурбонова Шоҳиста Хайруллоевна ба дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ сазовор мебошад.

**Роҳбари илмӣ, н.и.и., дотсент,**
**сардори раёсати корҳои илмӣ –**
**таҳқиқотӣ ва рушди инноватсионии**
**Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ,**
**бизнес ва сиёсати Тоҷикистон** **Самадова З.А.**

Имзои н.и.и., дотсент Самадова З.А. - ро тасдиқ менамоям:

*Сардори раёсати кадрҳо*
*ва корҳои махсуси ДДҲБСТ* *Мирпоччоев И.Ҳ.*

***Суроға: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,***
***ш.Хуҷанд, мкр-ни 17, бинои 1,***
***Тел: +992(38422)2-31-63***
“25” 02 2022